# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Суратҷаласаи № 1.**

**Ҷаласа оид ба оғози татбиқи лоиҳаи байналмилалии ERASMUS+ K2 “DigEco”**

20. 11. 2020 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:**

Қодиров Ф.А.- муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ;
Махсутшоева З.-сардори шуъба;
Саломиёни Ш.- сармутахассис;
Хушвахтов М.- мутахассис;
СайфиддиновФ.- мутахассис;
Иброҳимова Ш.-мутахассис.

ТГФЭУ ДДМИТ Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Бахши кор бо грантҳо

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Омодагӣ ва оғози татбиқи Лоиҳаи грантӣ дар доираи Барномаи байналмилалии ERASMUS+.**

Ҷаласаро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Қодиров Ф.А. оғоз намуда, оид ба дарёфти лоиҳаи грантӣ, ки аз ҷониби барнома байналмилалии ERASMUS+ маблағгузорӣ мегардад табрик ва таҳният гуфта, барои татбиқи лоиҳаи байналмилалии ERASMUS+ K2 “DigEco” дар ҳайтаи консорсиуми байналмилалӣ бо маблағгузории Барномаи Иттиҳоди Аврупо ERASMUS+ барои рушди иқтидор дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар доираи лоиҳаи “Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун унсури рушди устувори Украина ва Тоҷикистон / DigEco 618270-EPP-1-2020-1-LT-EPPKA2-CBHE-JP” (DigEco) дар ДДМИТ амалӣ хоҳад гашт суханронӣ намуд.

Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Қодиров Фируз дар сухнаронии худ қайд намуданд, ки дар лоиҳаи мазкур 14 муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Литва ва Ҷумҳурии Олмон ширкат меварзанд. Ҳадафи асосии лоиҳа роҳандозии иқтисодиёти рақамӣ дар раванди таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи амалияи таҳсилоти байналмилалии 4.0 барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Украина ва Ҷумҳури Тҷикистон мебошад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки барои татбиқи лоиҳаи мазкур ҷиду ҷаҳд намуда, дар татбиқи лоиҳа фаъол бошем.

**БАРОМАД КАРДАНД:** Махсутшоева З.Д. ва Саломиён Ш.М. баромад намуда, оид ба таъсиси гурӯҳи корӣ ва омодагии техникӣ барои ташкили онлайн-вохӯриҳо суханронӣ карданд

**Қарор қабул карда шуд**:

1. Баромади муовини ректор оид ба робитаҳои байналилалӣ ба инобат гирифта шавад;

2. Лоиҳаи Фаромиши ректор оид ба ҳайати татбиқи лоиҳаи грантӣ омода карда шуда, салоҳиятҳо тақсим карда шаванд;

3. Ҳамаи кормандони шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ барои татбиқи лоиҳаи мазкур корро дар сатҳи зарурӣ анҷом диҳанд.

4. Барои таъсиси гурӯҳи корӣ ва интихоби устодону кормандони техникӣ чораҷӯи карда шавад;

5. Ҷиҳати анҷом додани онлайн-вохӯриҳо шароитҳои зарурии техникӣ ва методӣ фароҳам сохта шавад.

Раиси ҷаласа — Қодиров Ф.А.

Котиби ҷаласа — Саломиён Ш.М.